بسم الله الرحمن الرحیم

In the name of Allah, the compassionate, the merciful

به نام خداوند بخشنده مهربان

NoorolAmin

# Нимнигоҳе ба мудирият

Сафармурод Ҳусейн

# МУНДАРИҶА

**Сарсухан ............................................................................................. 7**
1. Мафҳуми мудирият ............................................................................. 9
2. Мудирият илм аст ё ҳунар? ................................................................ 10
3. Таърихи мудирият ............................................................................... 11
4. Мудирият дар асрҳои миёна ............................................................... 12
5. Мактабҳои мудирият .......................................................................... 13
5.1. Мактаби классикии мудирият ........................................................ 13
5.2. Мактаби неоклассикии мудирият ё робитаҳои инсонӣ ... 15
5.3. Назарияи систем ............................................................................ 17
5.4. Мактаби иқтизо (ситуатсионӣ) ...................................................... 17
5.5. Назарияи нақшҳои мудирӣ ............................................................ 18
6. Дараҷаҳои мудирият ........................................................................... 21
7. Мафҳуми созмон .................................................................................. 22
8. Тақсимоти созмон ............................................................................... 23
9. Усули мудирият ................................................................................... 26
9.1. Барномарезӣ, Planning ................................................................... 30
9.2. Созмондиҳӣ, Organizing ................................................................. 31
9.3. Роҳбарӣ, Leadership ........................................................................ 32
9.4. Назорат, Controlling ........................................................................ 33
10. Мудирияти захираҳои инсонӣ ........................................................ 34
11. Мудирияти рафтори созмонӣ .......................................................... 35
12. Мудирияти фарҳанги созмонӣ ........................................................ 36
13. Мудирияти стратегӣ ......................................................................... 37
13.1. Стратегия, Strategy ....................................................................... 37
13.2. Барномарезии стратегӣ, Strategic planning ................................. 38
13.3. Мудирияти стратегӣ, Strategic management ................................ 40
**Ҷамъбандӣ ............................................................................................ 43**
**Адабиёт ................................................................................................. 45**

## Сарсухан

Илми мудирият (Менеҷмент) аз панҷ рукн (сутун)и: "усул (принсипҳо)и мудирият, мудирияти манобе (захираҳо)и инсонӣ, мудирияти рафтори созмонӣ, мудирияти фарҳанги созмонӣ ва мудирияти роҳбурдӣ (стратегӣ)" иборат мебошад. Рукни аввалини он (усули мудирият) ба таври хусусӣ аз вазифаҳои мудирон (менеҷерон) баҳс мекунад, ки ба он принсипҳо ва ё усули мудирият мегӯянд.

Дар ин китоб дар бораи мафҳуми мудирият, таърихчаи мудирият, мактабҳои мудирият, аркони мудирият ва баҳсҳои марбут ба созмон ва ғайра ишора мешавад.

Дар ин китоб аз адабиёти илми мудирият, ки ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва арабӣ навишта шудааст баҳра бурда шудааст.

### Вожагони калидӣ

**Мудирият:** фароянди барномарезӣ, созмондиҳӣ, роҳнамоӣ ва кантроли созмон бо истифода аз захираҳои инсонӣ ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои

амалкарди созмон аст. (Баруманд, 1385 с: 43)

**Асл:** як назарияи асосӣ ки барномае ва ё як низом бар асоси он аст. Қонуне, ки тарзи корҳоро тавзеҳ дода ва ё як нерӯи табиӣ дар ҷаҳонро тавзеҳ медиҳад. Як назария ва ё қонуни асосӣ ки ба тавзеҳ ва ё кантроли инки чигуна чизе иттифоқ меафтад ва ё кор мекунад, мепардозад. (Муродӣ ва Қумиён, 1392 с: 53).

**Усул:** ҷамъи асл ба маънои реша ва пояи ҳар чизе, ки ҳамеша собит ҳастанд.

**Усули мудирият:** ҳамон вазифаҳои аслӣ ки ҳамеша мудирон анҷом медиҳанд.

**Барномарезӣ:** фароянди ҳадафгузорӣ ва таъйини он чи ки барои муҳаққақ шудани онҳо бояд анҷом шавад, аст.

**Созмондиҳӣ:** фароянди ба ӯҳда гирифтани вазифаҳо, тахсис додани манбаъҳо ва тартиб додани фаъолиятҳои ҳамоҳанг дар иҷрои барномаҳо. Фароянди ҷамъ кардани дигарон ва дигар манбаъҳо дар анҷоми вазифаҳое, ки ба таҳаққуқ бахшидани ҳадафи муштарак поён бахшад.

**Роҳбарӣ:** иборат аст аз тавоноии ҳидояти инсонҳо дар ҷиҳат ва масире, ки худашон наметавонанд ба роҳатӣ ва муваффақият онро пеш баранд ва ба ҳадафу мақсадашон бирасанд.

**Кантрол:** фароянди санҷиши амалкард ва ба даст овардани итминон аз натиҷаҳои матлуб ва мавриди писанд. (Баруманд, 1385 с: 15-53).